**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D: КОА-024 барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддин Ашур дар мавзуи "Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои таърих (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) Аюбов Абдусалом Рауфович, доктори илмҳои таърих (07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич ва доктори илмҳои таърих (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) Қурбонов Бахром Раҳмонович бо таҳқиқоти диссертатсионии Баҳорзода Сироҷиддин Ашур шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод мекунад.

Рисолаи номзадии Баҳорзода Сироҷиддин Ашур дар мавзуи "Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ таҳқиқоти мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мувофиқ аст. Ин яке аз масъалаҳои мубрами таърихнигории халқи тоҷик мебошад. Зеро Садриддин Айнӣ дар пешрафт тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асри XX саҳм гузоштааст. Баробари ин нақши ӯ дар таҳқиқу инъикоси баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи халқи тоҷик бузург аст. Аз ин хотир таҳқиқу баррасии осори таърихии Садриддин

Айнӣ бар асоси маъхазҳои хаттӣ ва таҳқиқоти илмӣ имкон медиҳад, ки саҳифаҳои нави таърихи гузаштагони кушода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Баҳорзода Сироҷиддин Ашур воқеан ба масъалаи бисёр муҳимми илми таърихнигорӣ бахшида шуда, дар кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар осори Садриддин Айнӣ саҳифаҳои муҳимми таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон инъикос ёфтааст. Омӯзиши онҳо имкон медиҳанд, ки ҳодисаю воқеаҳои вобаста ба таърихи халқи тоҷик ба таври мушаххас нишон дода шаванд. Асарҳои Садриддин Айнӣ аз қабили «Таърихи амирони манғития», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро», «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» дар таърихнигории тоҷик мақоми махсус доранд. Муҳимияти мавзӯи интихобшуда ҳамчунин дар он аст, ки Садриддин Айнӣ шоҳиди ҳодисаҳои охири асри XIX ва аввали асри XX буд ва дар ин маврид навиштаҳои ӯ дар таърихнигорӣ чун сарчашмаи муътамади таърихӣ баромад мекунанд. Ҳамчунин дар шароити кунунии раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва афзудани хатару таҳдидҳои бегонапарастӣ дар ҷомеа тарғиби ғояҳои милливу ватандӯстӣ дар партави осору корномаи афроде чун Садриддин Айнӣ барои тафаккурсозӣ дар миёни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки ӯ нақши Садриддин Айниро дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик (охири асри XIX ва ибтидои асри XX) дар муқоиса бо осори муаррихони дигар нишон дода, нуқтаи назари ӯро роҷеъ ба масоили муҳимми ҳаракати маорифпарварӣ, истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия ва оқибатҳои он, ҳаракати ҷадидия дар Аморати Бухоро, таърихи инқилоби Бухоро мушаххас сохт.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси осори Садриддин Айнӣ омӯхтани масоили мубрами таърихи халқи тоҷик ва нишон додани саҳми барҷастаи ӯ дар пешрафти илми таърихнигорӣ мебошад. Барои анҷом додани ин мақсад иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта шудааст:

- таҳлилу вазъи иқтисодию иҷтимоии охири асри XIX- ибтидои асри XX дар осори С. Айнӣ;
- нишон додани андешаҳои Садриддин Айнӣ дар бораи вазъи фарҳанги халқи тоҷик дар охири асри XIX-ибтидои асри XX;
- мақоми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ҳаракати маорифпарварӣ, ҷадидия ва инқилоби Бухоро;
- саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ ва оқибатҳои он;

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори нахуст дар доираи рисолаи номзадӣ саҳми Садриддин Айнӣ дар омӯзиши марҳалаи муҳимми таърихи халқи тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Нававарии таҳкиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

1. Садриддин Айнӣ яке аз саромади мактаби таърихнигории муосири тоҷик арзёбӣ гардидааст;
2. Арзиши осори Садриддин Айнӣ дар омӯзиши таърихи таҳаввулоти охири асри XIX дар муқоиса бо асарҳои дигар муаррихон нишон дода шуд;
3. Ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар омӯзиши ҳаракати маорифпарварӣ ошкор гардид ва баробари ин таъсири ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия дар ташаккулу рушди афкори мардуми Аморати Бухоро муайян гардид;
4. Дараҷаи таҳқиқи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ дар осори Садриддин Айнӣ арзёбӣ шуд;

5. Нуқтаи назари Садриддин Айнӣ дар бораи масоили мубрами Аморати Бухоро дар ибтидои асри XX мушаххас ифода гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX кумаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани курсҳои махсус, дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани монографияҳо ва китобҳои дарсӣ метавон ба таври васеъ истифода намуд.

**Вобаста ба масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Баҳорзода Сироҷиддин Ашур дар мавзӯи “Саҳми Садриддин Айнӣ дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик (нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба ҳимоя тавсия дода шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

А) Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло, доктори илмҳои илмҳои таърих, профессор, муовини Раиси вилояти Суғд

Б) Гадоев Ғозӣ, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

3. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барой ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Аюбов Абдусалом Рауфович**
**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои таърих** **Раҳимов Набиҷон Турдиалиевич**
**доктори илмҳои таърих** **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

07.03.2025